# ХУЛОСАИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05. –иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо –КАС ва кишоварзӣ)

Яке аз омилҳои муҳими стратегии инкишофи босуботи иқтисодӣ ва ба даст даровардани зиндагии муносиб ва шоистаи аҳолӣ ин, ташаккулёбии соҳибкории муосири тамаддунӣ дар фазои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳсиоб меравад. Дар ин низом, рушди соҳибкориро дар соҳаи аграрӣ, ки вазифаи устуворнамоии истеҳсолоти молӣ, амалигардонии консепсияи муҳити рақобатиро дар бахши истеҳсолии КАС мебозад, махсусан қайд намудан зарур аст. Маҳз ҳамин зарурати пешбурди тадқиқотро дар ин самт муайян месозад.

Тадқиқотҳои диссертатсионии Иброҳимзода О.Ю., ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар мавзӯи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода шудааст, ҳамчун тадқиқоти пурраи илмӣ аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро буда, унсурҳои муҳими навовариҳои илмиро фаро мегирад, дар асоси талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар раванди корҳои илми тадқиқотӣ дар назди унвонҷӯ мақсад гузошта шуда буд, ки  хусусиятҳо ва қонуниятҳои рушди соҳибкориро дар бахши аграрӣ муайян намояд ва дар ин асос пешниҳоду тавсияҳо оид ба рушди босуръат ва баланд бардоштани самаранокии шаклҳои гуногуни он дар марҳилаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулотҳои кишоварзӣ таҳия намояд.

Тадқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ омодашуда, натиҷаи кори илмии мустақилона оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ мебошад. Дар давраи тадқиқот аз ҷониби муаллиф асосҳои назариявии соҳибкорӣ чун омили ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти бозории муносибатҳои аграрӣ, рушди соҳибкории инфиродӣ дар деҳот, идоракунии хавф дар идоракунии кишоварзӣ, таҷрибаи хориҷии соҳибкории кишоварзӣ, такмили танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкории бахши аграрии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисоланавис қобилияти алоқамандсозии ногусастании ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии тадқиқоти илмиро доро мебошад.

Иброҳимзода О.Ю. унвонҷӯи намунавӣ буда, рисолаи номзадии худро сифатнок ва дар мухлатҳои муайяннамудаи роҳбар ба анҷом расонидааст. Ӯ дар тамоми конфронсҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва дигар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба мавзӯи тадқиқотии худ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Доир ба муқарраароти асосӣ ва хулосаҳои тадқиқот, унвонҷӯ Иброҳимзода О.Ю. 7 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда дар ҳаҷми умумии 4,3 ҷузъи чопӣ нашр намудааст.

Таҳияҳои алоҳидаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи ноҳиявию хоҷагӣ дар Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди татбиқ қарор дода шудаанд. Муқарраароти асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои тадқиқоти рисолавиро ҳангоми ироаи лексияҳо аз фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисоди хоҷагии фермерӣ» ва «Кори суғурта» барои донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Унвонҷӯ дорои сифатҳои баланди касбӣ, масъулиятнокӣ, салоҳиятнокӣ ва одоби илмӣ мебошад.

Дар раванди тадқиқот Иброҳимзода О.Ю. сатҳи баланди донишро дар соҳаи предмети тадқиқот нишон дода, аз усулҳои монографӣ, абстрактию мантиқӣ, ҳисобию конструктивӣ, меъёрию тавозунӣ, баҳодиҳии экспертӣ, оморию иқтисодӣ ва ғайра истифода бурда, ба дарёфти натиҷаҳои илмӣ муяссар гардид.

Аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои илман асосноккардашуда оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон таҳия гардидаанд, ки барои таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва бехатарии озуқаворӣи кишвар аҳмияти рӯзмарраи амалиро доро мебошанд.

Ӯ худро ҳамчун олими ташаккулёфта, дорои қобилияти ба амалбарории тадқиқоти илмӣ ва мавқеи илмӣ оид ба муаммои таҳқиқшаванда нишон дода тавонист.

Чунин мешуморам, ки Иброҳимзода О.Ю. аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои гузошташуда сарбаландона баромада, ҳамчун таҳқиқгар ташаккул ёфтааст.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Иброҳимзода О.Ю. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи номзадӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур ҷавобгӯ буда, барои муҳокимаи минбаъда тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.и., дотсент** Субҳонзода И.С.

Имзои Субҳонзода
Икромро тасдиқ
менамоям
шуъбаи кадрҳо
ва ҳуқуқи авв.Г

Раҳмонов Ҷ.